**Номгӯи**
**саволҳо барои довталабони озмун**
**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ**

1. **Савол:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кай қабул шудааст ва чанд маротиба ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст?
2. **Ҷавоб: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо тариқи райпурсии умумихалқи қабул гардида ба он 3 маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардонида шуд. (26.09.1999, 22.06.2003, 22.05.2016).**
3. **Савол:** Моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед?
4. **Ҷавоб: Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатӣ соҳибихтиёр, демократӣ , ҳуқуқбунёд дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда , барои ҳар як инсон шароити арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд.**
5. **Савол:** Мафҳумҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»-ро номбар кунед?
6. **Ҷавоб: Дар қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд. Дастгоҳи давлатӣ , мақоми давлатӣ , мансаби давлатӣ, хизмати давлатӣ, одоби хизмати давлатӣ , баҳодиҳии хизмати давлатӣ , аттестатсия, дастурамал ва ғайраҳо**
7. **Савол:** Мақомоти қонунгузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом мақом мебошад?
8. **Ҷавоб: Мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагон дар якҷоягӣ маҷлиси Оли – ро ташкил медиҳад.**
9. **Савол:** Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» маълумот диҳед?
10. **Ҷавоб: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» 5 марти соли 2007 , №233 ба имзо расидааст, ки қонуни мазкур аз 5 боб ва 45 модда иборат мебошад.**
11. **Савол:** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нисбати кадом мақомоти далатӣ амалӣ мегардад?
12. **Ҷавоб: Қонуни мазкур нисбати мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.**
13. **Савол:** Салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед?
14. **Ҷавоб: Мутобиқи моддаи 69 КҶТ самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад, Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунанд, Вазоратҳо ва Кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳанд, Сарвазир ва дигар аъзоёни ҳукуматро таъин ва озод мекунанд, ва ғайраҳо**
15. **Савол:** Намудҳои низоми хизмати давлатиро номбар кунед.
16. **Ҷавоб: Ба низоми хизмати давлатии ҶТ дохил мешавад, 1. Низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ, 2-Низоми хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ , 3-Низоми хизмати давлатии ҳарбӣ.**
17. **Савол :** Принсипҳои асосии хизмати давлатиро номбар кунед.

18. **Ҷавоб : Хизмати давлатӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад.**

**1. Волоияти Конститутсия ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**2. Афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд,**

**3. Ягонагии низоми хизмати давлатӣ новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, ва судӣ.**

**4. Садоқат ба ватан ва ба халқи Тоҷикистон ва ғайраҳо**

19. **Савол:** Феҳристи мансабҳои давлатӣ ва категорияҳои мансабҳои хизмати давлатиро шарҳ диҳед.

20. **Ҷавоб : Феҳристи мансабҳои давлатии ҶТ-ро мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ ташкил медиҳад. Барои хизматчиёни давлатии сиёсӣ категорияҳои мансабҳои давлатӣ муқаррар карда намешавад. Барои х/д/маъмуррӣ категорияҳои мансабҳои зерин , олӣ ,1.2.3.4.5.6.7., ҷудо карда мешавад.**

21. **Савол:**Тартиби қабулшавӣ ба хизмати давлатиро шарҳ диҳед.

22. **Ҷавоб: Ба мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ қабул шудани шаҳрвандони ҶТ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқукии ҶТ сурат мегирад. Ба мансабҳои маъмурии х/д шаҳрвандони ҶТ ки синашон ба 18 расидаанд ба талаботи тахассусии муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳо мувофиқат мекунанд метавонанд қабул шаванд.**

23. **Савол :** Ҳолатхое, ки ба хизмати давлатӣ қабул намудани шаҳрванд ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатиро истисно мекунанд, кадомҳоянд?

24. **Ҷавоб: 1. Саркаши кардан аз адои ба расмият даровардани иҷозат ба маълумоти, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегирад, агар иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии ба истифодаи ин маълумот вобастагӣ дошта бошад. 2-Агар шаҳрвандии давлати дигарро дошта бошад. 3-нафақагири давлати Ҷ Т ва дигар давлати хориҷа бошад. 4-доғи суди доштан ва дигар ҳолатҳое, ки ҚҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия ва дигар санадҳо пешбини намудаанд.**

25. **Савол :** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд ҳизби сиёсӣ амал мекунад ва онҳоро номбар кунед.

**Ҷавоб: 1. Ҳизби халқи-демократии Тоҷикистон -** роҳбараш Э.Раҳмон, соли 1994 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст

**2. Ҳизби коммунистии Тоҷикистон** - роҳбараш Ш.Шабдолов, соли 1991 ба қайди давлати гирифта шудааст.

**3. Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон -** роҳбараш Гаффоров А., соли 1996 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**4. Ҳизбии демократии Тоҷикистон**- роҳбараш С.Исмонов, соли 1991 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**5. Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон -** роҳбараш Р.Зойиров, 20.12.2002 с., бақайди давлатӣ гирифта шудааст.

**6. Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон** – роҳбараш Бобоев О.Б., 28.10.2005 с., ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

7. **Ҳизби аграрии Тоҷикистон** – роҳбараш Р.Латипов., 15.11.2005 с., ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

26. **Савол:** Синни ниҳоӣ дар хизмати давлатӣ.
27. **Ҷавоб: Мутобиқи моддаи 24 -ҚҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» синни ниҳои барои мардон то 63 сол ва барои занон то 58 сол муқаррар карда шудааст.**
28. **Савол :** Парвандаи шахсии хизматчиёни давлатӣ дар асоси кадом санад пеш бурда мешавад?
29. **Ҷавоб: Тибқи моддаи 14 ҚҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ»**
30. **Савол:** Тартиби пешбурди парвандаи шахсии хизматчиёни давлатӣ аз чанд фасл иборат мебошад?
31. **Ҷавоб: Аз се фасл иборат мебошад.**
32. **Савол:** Рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшавандаи хизматчии давлатӣ чӣ қадар аст ва дар кадом ҳолатҳо он тағйир ёфтан метавонад?
33. **Ҷавоб: Барои х/д сиёсӣ ва олӣ 35-рӯз, барои категорияҳои якум-30-рӯз ва ба х/д маъмурӣ 28-рӯзи тақвимӣ ба категорияҳои 1,2,3,4,5,6,7 ҷудо карда шуда ва он аз рӯи собиқаи хизмати давлатӣ илова карда мешавад.**
34. **Савол:** Маоши хизматчиёни давлатӣ дар асоси чӣ ҳисоб карда мешавад?
35. **Ҷавоб:Дар асоси коэфисенти тарифии ҷадвали ягонаи тарифии пардохти м/м х/д ҳисоб карда мешавад.**
36. **Савол:** Баҳисобгирии молу мулки корхона дар асоси чи даромад карда мешавад?
37. **Ҷавоб: Дар асоси борхат аз молтаҳвилкунанда.**
38. **Савол:** Баруйхатгирии молу амволи арзишнок дар корхона дар кадом ҳолат гузаронида мешавад?
39. **Ҷавоб: Дар ҷанбасти соли ҳисоботӣ мувофиқ фармоиши роҳбари корхона,, дар ҳолати иваз шудани шахси ҳисоботдиҳанда.**
40. **Савол:** Ҳолатҳои бе озмун таъин намуданро номбар кунед?
41. **Ҷавоб: Холатҳое, ки аз атесттатсия х/д ба баҳои хуб ва бали муқарраргардида мувафақ гаштан ва дар захираи кадрҳои мақоми давлатӣ қарор доштан.**
42. **Савол :** Рамзҳои давлатиро шарҳ диҳед.
43. **Ҷавоб : Парчам , Нишон, Суруди миллӣ,**
44. **Савол:** Донистани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
45. **Савол :** Қонуни Ҷ Т «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» кай қабул карда шудааст?
46. **Ҷавоб: Қонуни ҶТ** «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» **25 июли соли 2005, №100 ба тасвиб расидааст, ки аз 5 боб ва 17 модда иборат аст.**